## Тақриз

**ба диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Баланд бардоштани маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ истифода бо усули селексияи дохилизотӣ яке аз роҳҳои нигоҳ доштани саршумор ва дар ин асос баланд бардоштани хусусиятҳои ирсию хоҷагидории он ба шумор меравад.

Бинобар ин сабаб кори диссертатсионии Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед, ки ба мукаммалгардонидагии сифатҳои махсулнокии зоти гӯсфандони гӯшту пашму равғандеҳи тоҷикӣ, нигоҳдорӣ ва зиёд намудани саршумори онҳо равона карда шудааст, ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам истеҳсоли хело муҳим мебошад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар давраи онтогенез вобаста ба интихоб ва хостагирии онҳо аз рӯйи авлодҳои мавҷуда дар дохили зот, омӯхтани самаранокии ҷуфткунонии меш ва қӯчқорҳо аз рӯйи мансубияти онҳо ба авлод ва таъсири он ба сифати насл, маҳсулнокии гӯштию пашмӣ муайян карда шудааст, ки дар солҳои охир саршумори гӯсфандони зоти тоҷикӣ нисбат ба соли 1980 то кам гашта бошад ҳам, дар сохтори генеологии он 5 авлод нигоҳ дошта шудааст - I, IV, V, VIII ва X. Маълум гардидааст, ки вазни зиндаи кӯчқорбарраҳо ва барраҳои модинаи авлодҳои якум ва даҳум дар вақти таваллуд мутаносибан 5,1-4,8 ва 4,5-4,3 кг ва дар синни 4,5-5,0 моҳагӣ 34,8 34,5 ва 32,0-30,7 кг-ро ташкил додааст. Дар натиҷаи дуруст истифода бурдани парвариши чарогоҳҳои тобистона вазни зиндаи барраҳои хоҷагии зотпарварии ба номи С.Шерназаров 7,3-7,7 маротиб ва Парваришгоҳ бошад то 8,6-10,5 маротиба нисбати вазни зиндаи давраи таваллуд зиёд шудааст. Аз рӯйи нишондоди баҳодиҳии қӯчқорҳои насли аз вазни зиндаи насли қӯчқорчаҳо ҳангоми аз модаронашон ҷудо намудан, қӯчқорҳои № 65, 93, 68, 40 ва аз рӯи модабарраҳо бошад, қӯчқорҳои № 93 ва 68 ҳамчунон беҳсозанда муайян гаштаанд. Қӯчқорҳои № 67 ва 65 бошанд бадкунандагони насл мансуб дониста шуд.

Вазни зиндаи қӯчқорбарраҳои зоти тозаи тоҷикӣ дар давраи 60 рӯзи фарбеҳкунӣ 12,55 кг ва дурагаҳо бошад 14,65 кг афзудааст. Вазни гӯшти тозаи қассобигардида дар ҳарду гурӯҳҳо афзойиш ёфта, дар қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ 50,74 ва дурагаҳо бошад 58,46 %-ро ташкил кардааст. Корҳои гузаронидашуда сабаби он гаштааст, ки дар синни моҳагӣ аз фурӯши қӯчқорбарраҳои наслии аз ҷуфтикунонии авлодҳои I ба даст овардашуда даромади иловаги, ки 396 сомониро ташкил медиҳад ба даст оварда шудааст. Ин нишондод дар авлоди X × VIII ба сомонӣ баробар аст.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ” аз ҷиҳати мубрамии мавзӯъ, навгонии илмӣ, аҳамияти амалию истеҳсолӣ ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва худи унвонҷӯ бошад ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.02.07- зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳавоноти кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда
декани факултети Химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади иилмҳои кишоварзӣ, и.в. дотсент Исуфзода Д.С.
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи. С. Сафаров-16;
Тел: + (83322) 2-3506;

11.12.2024 сол
Имзои Исуфзода Д.С-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Амиров Ф.А.